# ҶАВОНОН – НЕРУИ СОЗАНДА ВА ОЯНДАИ МИЛЛАТ

***“Мо бояд тамоми шароитҳоро барои ҷавонон, ки ояндаи миллатанд, муҳайё гардонем ва онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намоем”.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи ҳадафи сиёсати давлат дар масъалаи рушди сармояи инсонӣ, бахусус эътибор додан ба мактабу маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, дастгирии ҷавонон ҳамчун неруи созанда ваояндаи миллат мебошад.

Вобаста ба ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат дар Паём зикр карданд, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Ҳатто Пешвои миллат бисёр ғамхорона нисбати ояндаи миллат, хору зору залил нагардидани миллат ва ба ҷиноят даст назадани ҷавонониояндасози он ба таъкид гуфтанд: «Яъне, то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллати дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳад монд»

Ба хотири рушди сармояи инсонӣ ҷавонон бояд дар руҳияи хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, илмомӯзию забондонӣ, ҳуввияти миллӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, таъриху фарҳанги миллат ба воя расанд, зеро «Ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба дӯш хоҳанд гирифт», - таъкид карданд Пешвои миллат дар Паём.

Ҷавонон ҳамчун захираи стратегии миллӣ баҳри пешрафти ободии кишвар ва таъмини амнияту суботи ҷомеа нақши муассир доранд. Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, таҳсилу ҳалли мушкилоти онҳо, истифода аз неруи зеҳнӣ, фаъолияти созандагӣ, қувваи корӣ, маҳорати эҷодкории онҳо пайваста дастгирӣ менамояд. Зеро шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ба ин хотир, Сарвари давлат дар фаъолияти роҳбарии худ ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи хоса медиҳанд, ба неруи созандаи ҷавонон боварии комил доранд ва дар Паёми имсолаи хеш дар ин бора чунин гуфтанд: «Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббуси созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем». Махсусан, Ҷаноби Олӣ ба таҳсили духтарони болаёқати деҳот тибқи квота аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд. Зеро медонанд, ки духтари тоҷик оянда модар мешавад, модар бояд босавод бошад ва фарзанди худро дар руҳияи саводомӯзию донишмандӣ ва маърифатнокӣ тарбия карда тавонад. Дар ҳамин самт Пешвои миллат чунин иброз намуданд: «Имрӯз 42

ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд. Яъне дар 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро бо Квотаи президентӣ хатм карданд».

Пешвои миллат чи дар вохӯрию мулоқотҳо, чи дар Паёми навбатӣ масъулин ва сохторҳои марбутаро ба тарбияи кадрҳои баландихтисос ва олимону ҷавонони эҷодкор ҷалб карда, онҳоро вазифадор намуданд, ки дар ин самт эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Даҳҳо барномаву лоиҳаҳои гуногун қабулу амалӣ гардидаанд, ки барои рушду нумуи истеъдодҳо ва худшиносии ҷавонон заминаи воқеӣ фароҳам овардаанд. Аз ҷумла, эълон гардидани Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон-Ватани азизи ман», «Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат» бевосита ба тарбияи маънавии миллат нигаронида шудаанд. Онҳоро ба омӯзиши илму дониш ҷалб намуда, дар ташаккули маънавиёту ҷаҳонбинӣ, рушди неруи ақлонию зеҳнӣ ва маҳорати эҷодкорию суханронии ҷавонони кишварамон нақши муассир гузошта метавонанд.

Ҷаноби Олӣ дар Паём илму маорифро омили асосии рушди босуботи давлату миллат дониста, таваҷҷуҳи ҷавононро ба омӯхтани илмҳои дақиқ, ба эҷодкорию ихтироъкорӣ ва созандагиҳои техникӣ даъват намуда гуфтанд: «Мо бояд ихтироъкоронро тарбия кунем». Аз ин суханони Пешво эсос мешавад, ки мехоҳад миллаташ ҳамқадами асри техникаву технологияи ҷадиди замонавӣ ва донандаи хуби истифодабарандаи технологияи рақамӣ бошанд. «Фақат як коғаз надиҳем, балки дониш, малака, маҳорат ва эҷодкорӣ дода тавонем», - зикр намуданд Роҳбари давлат. Дар ин самт Вазорати маориф ва илм вазифадор карда шуд, ки бори дигар стандарту нақшаву барномаҳои таълимиро таҷдиди назар намуда, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯйро таҳия намоянд. «Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад», - иброз намуданд Пешвои миллат дар Паём.

Президенти кишвар гаштаву баргашта бо эҳсосоти баланд дилсӯзона ва хеле ғамхорона аз савод, илм ва касбу ҳунар ёдовар шуданд Дар ин лаҳза Ҷаноби Олӣ падари азизу ғамхореро мемонд, ки пайваста дар фикри камолоти фарзанди хеш асту ҳамеша ғами онҳоро мехӯрад, то дар ин дунёи пуртазот дастнигару хору муҳтоҷ набошанд. «Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, ташаббус дар ин самт бояд пурра дар дасти давлат бошад», - зикр шуд дар Паём.

Таъкидҳои Президентро ба ёд мебиёрем, агар шаҳрвандон заиф бошанд, давлат қавӣ шуда наметавонад ва агар халқ осудаҳол набошад, давлати сарватманд сохтан амри маҳол аст. Ҳамин аст, ки давлати воқеан иҷтимоии мо пайваста хароҷотро барои некуаҳволи халқ, ҳифзи иҷтимоии мардум, рушди мактабу маориф, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва муассисаҳои томактабии ба талаботи замон ҷавобгӯй меафзояд. Чунончи, дар Паём зикр

гардид, бо назардошти афзоиши аҳолӣ дар 5 соли оянда «барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд».

Яке аз ҳадафҳои асосии давлат, бахусус роҳбари он тарбия ва соҳибкасб намудани ҷавонон аст. Ба ин хотир, Сарвари давлат зикр карданд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шуд. Ҳамзамон дар 48 муассисаи таҳсилоти олии кишвар зиёда аз 214 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекунад. Лекин, Сарвари давлат батакрор гуфтанд, гап дар сари дониши онҳост, на дар дипломашон. Аз ин рӯ, Ҳукумати кишвар пайваста, ҷиҳати саводнок шудани ҷавонон ва дар тайёр кардани мутахассисони босаводу соҳибкасби ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй аҳаммияти хосса медиҳад.

Дар ин росто, Сарвари давлат қайд карданд: «Дар навбати худ, рушди илму маориф, калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад». Ба хотири амалӣ гардидани ин гуфтаҳои Роҳбари давлат омода намудани кадрҳои илмии сатҳи баланд ва ихтироъкору эҷодкор зарур аст, инчунин дастгирии таҳқиқотҳои илмӣ, муассисаҳои таҳқиқотӣ, олимони ҷавони эҷодкор ва ҳавасманд намудани онҳо низ басо муҳим мебошад.

Дар робита ба ин, Вазорати маориф ва илм, рушди иқтисодиёт ва савдо, Вазорати молия, Академияи миллии илмҳо, Комиссияи олии аттестатсионӣ ва дигар сохторҳои марбутаро вазифадор намуданд, ки Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030-ро дар муддати ду моҳ таҷдиди назар карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот тақозои замон мебошад. Роҳбари давлат моҳият ва зарурати забондонию забономӯзиро ба инобат гирифта, дар Паёми имсола Вазорати маориф ва илмро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати омӯзиши забони хориҷӣ, аз ҷумла, «таҳияи маводди муосири таълимӣ, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ, усулҳои навини омӯзиши забон ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон чораҳои қатъӣ андешад».

**М.Атаева** - *мудири шуъбаи таҳия, нашр, ташхис ва таъмини корҳои илмӣ-методӣ*

**Б.Ҳайдаров** - *мутахассиси пешбари таҳия, нашр, ташхис ва таъмини корҳои илмӣ-методӣ*